«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи
технологии Тоҷикистон, д.и.и.,
профессор Раҳмонзода З.Ф.
«_20_» _08_ соли 2026

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Абдуҳамитзода Асрор Абдуҳамит дар мавзуи«Хусусиятҳои ташаккули сиёсати инноватсионии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли шаҳри Душанбе)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 идоракунии иноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ пешниҳод шудааст.**

## Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи **Абдуҳамитзода Асрор Абдуҳамит** ба талаботи бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси **08.00.06.02 идоракунии иноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ**: 1.Рушди муқаррароти назариявӣ ва методологии фаъолияти инноватсионӣ; такмилдиҳии шаклҳо ва усулҳои таҳқиқоти равандҳои инноватсионӣ, рақамикунонӣ дар низомҳои иқтисодӣ. 2.Коркарди методология ва методҳои арзёбӣ, таҳлил, амсиласозӣ ва дурнамои равандҳои инноватсионӣ дар низомҳои иқтисодӣ. 10.Арзёбии фаъолнокии инноватсионии субъектҳои хоҷагидор бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва болоравии арзиши онҳо. 13.Коркард ва такмилдиҳии шаклҳо, сохтор ва низомҳои ниҳодии идоракунии фаъолияти инноватсионӣ ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ. Арзёбии самаранокии фаъолияти инноватсионӣ. 18.Коркарди стратегия ва нуқтаҳои консептуалии сиёсати самараноки инноватсионӣ ва маблағгузории низомҳои иқтисодӣ бо назардошти таҷрибаи андӯхташудаи ҷаҳонӣ. 28.Назария, методология ва методҳои таъминоти иттилоотии фаъолияти инноватсионӣ мутобиқат менамояд.

## Муҳимияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.

Пайдоиши иқтисоди инноватсионии ба дониш асосёфта инноватсияро ҳамчун манбаи афзалиятноки рушди иқтисодӣ таъкид мекунад.Ин қонунҳоро ҳангоми навсозии иқтисодиёт чи дар маҷмӯи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чи дар минтақаҳо бояд ба назар гирифта, таҳқиқ ва истифода бурд.

Дар ҷаҳони муосир иқтисодиёти инноватсионӣ босуръат рушд мекунад ва аз ин рӯ, идоракунии самараноки равандҳои инноватсионӣ хеле муҳим аст, зеро он ба субъектҳои соҳибкорӣ имкон медиҳад, ки самаранокии худро баланд

бардоранд. Дар нигоҳдорӣ ва таъмини афзоиши фаъолияти инноватсионӣ сиёсати инноватсионии кишвар ё минтақа нақши муҳим дорад.

Айни замон дар назди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи ҷиддии гузаштан ба роҳи инноватсионии рушд меистад. Дар доираи сиёсати рушди инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шуданд, ки дар байни онҳо «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи аз соли 2011 то соли 2020” мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Ҳадафи ниҳоии Барномаи мазкур ташкили иқтисоди инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Ҳамчунин, самти инноватсионии сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба коҳиш додани тафовути технологии ҷумҳурӣ аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ва баланд бардоштани сифати зиндагии шаҳрвандон тавассути рушди инноватсионӣ нигаронида шуда буд. Мутаасифона нишондиҳандаҳои асосии барномаи мазкур ба иҷро нарасиданд.

Бояд гуфт, ки сарфи назар аз мубрам будани ин проблема, вазъи кунунии рушди инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи нокифоя будани сатҳи рушди сиёсати инноватсионӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ба мушкилоти ҷиддӣ дучор шудааст.

Ҳалли проблемаи паст будани сиёсати инноватсионӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, ба андешаи мо, гарави ташкили иқтисодиёт асос ёфта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Вобаста ба ин, зарурати муайян намудани самтҳои асосии такмили сиёсати инноватсионии минтақавӣ ба миён меояд, ки мубрамияти мавзӯи интихобшударо нишон медиҳад.

Дар робита ба гуфтаҳои боло, қайд намудан ба маврид аст, ки дар мубраммии мавзуи диссертатсияи **Абдуҳамитзода А.А.** ягон шубҳа вуҷуд надошта, натиҷаҳои он метавонанд дорои аҳаммияти назарраси илмӣ, методологӣ ва амалӣ дар ташаккули сиёсати инноватсионии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқ** Навоварии илмии ин таҳқиқ дар таҳияи асосҳои назариявӣ ва методологӣ барои ташаккули сиёсати инноватсионии минтақавӣ ва таҳияи тавсияҳои методологӣ ва амалӣ барои беҳтар кардани таҳия ва татбиқи сиёсати инноватсионии минтақавӣ мебошад.

Натиҷаҳои муҳимтарини ин диссертатсия, ки аз ҷониби муаллиф ба даст оварда шудаанд ва дорои навоварии илмӣ мебошанд, инҳоянд:

- асосҳои назариявӣ ва методологӣ барои таҳияи сиёсати инноватсионии минтақавӣ бо дарназардошти татбиқи барномаҳо, консепсияҳо ва стратегияҳои давлатӣ муайян карда шудаанд. Муаллиф таърифи аслии мафҳуми "сиёсати инноватсионии минтақавӣ"-ро аниқ ва пешниҳод кардааст. Ба гуфтаи муаллиф, "Сиёсати инноватсионии минтақавӣ маҷмӯи манфиатҳои мақомоти иҷроияи ҳукумати минтақавӣ мебошад, ки тавассути таҳияи консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳо муайян ва ифода карда мешаванд";
- исбот шудааст, ки усули мавҷудаи ҳисоб кардани самаранокии иқтисодии лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои лоиҳаҳои инноватсионӣ истифода

намешавад, зеро инноватсия тавассути раванди идоракунӣ ва такмили сохтор, ҳамгироии онҳо, усулҳои нави идоракунии кормандон, беҳтар кардани сифати маҳсулот, маркетинг ва тақсимот амалӣ карда мешаванд, ки онҳоро бо як нишондиҳанда тавсиф кардан мумкин нест ва самаранокии лоиҳаҳои инноватсионӣ аз бисёр омилҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ вобаста аст, ки онҳоро бо як нишондиҳанда ҷамъбаст кардан ғайриимкон мебошад;

- пешниҳод ва асоснок карда шудааст, ки таҷрибаи ташкили сохторҳои инноватсионӣ дар минтақаҳо ва баланд бардоштани ҳавасмандгардонии таҳқиқотчиён дар Ҳиндустон, таъсиси фонди дастгирии илми минтақавӣ дар Бразилия, дастгирии молиявии фаъолияти инноватсионӣ дар Канада, инчунин сиёсати инноватсионии иҷтимоии ИМА, ки барои дастгирии оилаҳои камдаромад тавассути лоиҳаҳои иҷтимоӣ амалӣ карда мешавад, метавонад дар минтақаҳои Тоҷикистон, ки сиёсати инноватсионӣ амалӣ мекунанд, истифода шавад;

- хусусиятҳои мушаххаси рушди минтақавии илм ва технология муайян карда шудаанд ва сабабҳои нокомиҳо дар татбиқи стратегияи рушди инноватсионӣ, ба монанди маблағгузории нокифоя, ангезаи пасти тадқиқотчиён равшан карда шудаанд ва олимони ҷавон, набудани хариди давлатии маҳсулоти инноватсионӣ, сатҳи пасти идоракунии инноватсионӣ дар минтақаҳо, шумораи нокифояи таҷрибаомӯзӣ дар хориҷа, дониши нокифояи забонҳои хориҷӣ ва ғайраро таъкид мекунанд;

- зарурати таҳияи консепсияи рушди фаъолияти инноватсионӣ ва инфрасохтори инноватсионӣ бо дарназардошти ҳадафҳои стратегӣ ва воситаҳои ноил шудан ба онҳо, инчунин таҳияи барномаи рушди инноватсионии минтақавӣ барои ояндаи наздик (дар шакли ҳуҷҷати суроғавӣ, ки нисбат ба захираҳо, иҷрокунандагон ва муҳлатҳо маҷмуи чораҳоеро ифода мекунад, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди инноватсионии минтақа, дар асоси дохил кардани муқаррароти асосии барномаи рушди инноватсионӣ дар стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа равона шудаанд) асоснок карда шудааст;

- самтҳои асосии такмили сиёсати минтақавӣ тавассути ҷорӣ намудани системаи хариди давлатӣ барои маҳсулоти инноватсионӣ пешниҳод карда мешаванд, зеро ин ташкилотҳои илмиро барои нишон додани талаботи давлатӣ ба маҳсулоти худ ҳавасманд мекунад. Модели таъсиси фонди инноватсионии минтақавӣ, бо истифода аз шаҳри Душанбе ҳамчун мисол, бо дарназардошти муайян кардани манбаъҳои маблағгузорӣ, ҳадафҳо, вазифаҳо ва лоиҳаҳои инноватсионии марбута таҳия ва пешниҳод шудааст.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.**

Саҳми шахсии муаллиф аз муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосноккунии моҳияти назариявии мафҳуми сиёсати инноватсионии минтақа, исбот намудани зарурати истифодаи таҷрибаи ҷаҳонии таҳия ва тадбиқи сиёсати инноватсионӣ дар Тоҷикистон ва

минтақаҳои он, пешниҳод намудани роҳҳои асосии таҳкими таҳия ва тадбиқи сиёсати инноватсионии минтақа, тавассути таҳияи модели консептуалии фонди инноватсионии рушд, ташкил намудани кластерҳои минтақавию соҳавӣ иборат мебошад.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Диссертатсия аз сарсухан, се боб, хулосаю пешниҳодҳо ва адабиёти истифодашуда, дар 171 саҳифаи чопи компютерӣ баён карда шудааст ва аз 46 ҷадвал, 9 расм иборат мебошад.Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 24 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 6 мақола дар нашрияҳои илмие, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсия Россия тавсия шудаанд, чоп шудаанд.

Дар муқаддима мубрам будани мавзуи диссертатсия ва сатҳи омӯзиши он асоснок гардида, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва фарзияҳои таҳқиқот муайян шудаанд. Ҳамчунин, муқаррароти дорои навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дар диссертатсия инъикос гардида, маълумот оид ба натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод карда шудаанд (саҳ. 5-18).

**Дар боби 1. “Асосҳои назариявӣ ва методии рушди сиёсати инноватсионии минтақа»** моҳият ва самтҳои асосии сиёсати инноватсионӣ, асосҳои методологии таҳқиқи самаранокии тадбиқи сиёсати инноватсионӣ дар минтақа ва таҷрибаи ҷаҳонии таҳияи сиёсати минтақавии инноватсия мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст.

Дар зербоби аввал муаллиф моҳияти иқтисодии сиёсати инноватсионии давлатро шарҳ дода, қайд намудааст, ки он қисми ҷудонашавандаи сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ буда, муносибати давлатро ба инноватсия ифода мекунад, ҳадафҳо, самтҳо, шаклҳои фаъолияти мақомоти давлатиро дар соҳаи илм, техника ва татбиқи лоиҳаҳои илмию техникӣ, комёбиҳои технологӣ муайян мекунад.

Дар диссертатсия, механизмҳои асосии танзими давлатии фаъолияти инноватсионӣ дар шакли ҷадвал оварда шудааанд.

Дар асоси таҳқиқи адабиётҳои илмӣ-назариявӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ ва диссертатсияи муҳаққиқони ҷавони дар солҳои охир ҳимояшуда нуқтаи назари муаллифии диссертант доир ба моҳияти сиёсати инноватсионии давлат дар мазмуни зерин «Сиёсати инноватсионии давлат як унсури сиёсати иқтисодии он буда, маънои ҳимояи манфиатҳои давлат дар бахши таҳия ва истифодабарии дастовардҳои илмӣ, техникӣ, технологӣ ва таҷрибаи пешқадам дар иҷрои вазифаҳои стратегии он дониста мешавад» пешниҳод шудааст.

«Сиёсати инноватсионии минтақа - маҷмуи принсипҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди инноватсионӣ буда, манфиатҳои минтақаро тавассути лоиҳаҳои инноватсионӣ амалӣ мегардонад».

Аз баррасии зербоби дуюми ин боб бармеояд, ки муаллиф ба истифодаи методологияи таҳқиқотӣ барои таҳияи барномаҳои рушди инноватсионӣ диққати ҷиддӣ дода шудааст.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки ҳангоми истифодаи методологияи таҳқиқоти рушди инноватсионии минтақа бояд самтҳои афзалиятноки рушди минтақаро муайян намуд. Дар шароити муосир самтҳои асосии рушди инноватсионии минтақаҳо ташкили кластерҳои истеҳсолӣ, технопаркҳо, рақамикунонии равандҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ, таҳияи стратегияи идораи инноватсионии минтақа ва ғ. иқтисодиёти маҳаллӣ. Методологияи таҳқиқоти рушди инноватсионии минтақаҳо ва муайян намудани сиёсати инноватсионии минтақа бояд бо назардошти асосҳои назариявии илми назарияҳои иқтисодӣ, таҳлил ва таҷрибаи андӯхташуда таҳия карда шаванд. Танҳо бо назардошти ҳамаи паҳлуҳои таҳқиқот метавон сиёсати иҷрошавандаи рушди инноватсионии минтақаро таҳия намуд. Ин имконият медиҳад, ки рушди минтақаҳо таъмин гардад ва дар ин асос ба рушди инноватсионии мамлакат мусоидат кунанд.

Дар диссертатсия исбот карда шудааст, ки методологияи муайян намудани самаранокии иқтисодии лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои лоиҳаҳои инноватсионӣ қобили қабул нест, зеро навовариҳои идоракунӣ, ба монанди тағйир додани сохтори ташкилии корхонаҳо, ҳамгироии онҳо, усулҳои нави идоракунии фаъолияти кадрҳо, беҳтар намудани сифати маҳсулот, маркетинг ва диг. амалӣ мегарданд, ки онҳоро бо як нишондиҳанда баҳо дода намешавад.

Ба замми ин ба самаранокии лоиҳаҳои инноватсионӣ омилҳои иқтисодӣ, илмию техникӣ, молиявӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, этникӣ-фарҳангӣ, сатҳи даромад, эҳтиёҷоти навоварон, коргарон, беҳтар намудани шароити меҳнат ва истироҳат, сифати зиндагӣ таъсир мерасонад, ки бо як нишондиҳанда ҷамъбаст карда намешавад). Имконияти инноватсионии корхонаро метавон ҳамчун нишондиҳандаи қобилияти иҷрои ҳадафҳои дар лоиҳаи инноватсионӣ буда баҳо дод.

Дар зербоби сеюм, дар асоси таҳқиқи таҷрибаи як қатор мамлакатҳо пешниҳод шудааст, ки таҷрибаи Ҳиндустон доир ба ташкили сохторҳои инноватсионӣ дар минтақаҳо ва баланд бардоштани ҳавасмандии муҳаққиқон, тавассути дастгирии молиявии лоиҳаҳои инноватсионӣ, Бразилия - ташкили фондҳои минтақавии рушди илм, Канада - таъсиси фондҳои минтақавии дастгирии фаъолияти инноватсионӣ, ИМА - сиёсати инноватсионии характери иҷтимоӣ доштаи оилаҳои камбизоат барои минтақаҳои Тоҷикистон, ки сиёсати инноватсиониро тадбиқ менамоянд истифода шаванд.

**Дар боби 2 " Таҳлили тадбиқи сиёсати инноватсионӣ дар шаҳри Душанбе"** арзёбии ҳолати муосири рушди илм, чун қисми таркибии сиёсати инноватсионӣ, хусусиятҳои сиёсати инноватсионии ш. Душанбе ва

методологияи баҳодиҳии он ва вазъи тадбиқи сиёсати инноватсионӣ дар шаҳри Душанбе баҳо дода шудааст.

Дар зербоби аввали боби 2 қайд шудааст, ки новобаста аз он ки дар кишвар тамоми ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии таъмини рушди инноватсионӣ қабул шудааст, вале мутаассифона, маблағгузории бахши илм дар давоми солҳои охир аз 0,1 фоизи ММД боло нарафтааст, ки омили асосии иҷро нагардидани баномаҳои стратегӣ мебошанд. Зеро, тибқи СМР-2030 дар соли 2020 маблағгузории соҳаи илм бояд на кам аз 0,8% ва дар соли 2025 на кам аз 1,2 фоизро ташкил намояд.

Новобаста аз он ки солҳои охир музди моҳонаи муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ борҳо баланд бардошта шуда бошанд ҳам, вале он аз сатҳи маоши миёнаравҳои молиявӣ ва суғурта 2,3 маротиба пастар буда, ҷалби мутахассисонро ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ коста мегардонад.

Афзоиши шумораи муассисаю ташкилотҳои илмӣ, ки корҳои илмӣ-техникиро нисбат ба соли 2000-ум 42,1% афзуда бошад ҳам, вале 81,5% дар ш. Душанбе қарор дошта, дар минтақаҳо шумораи онҳо кам боқӣ мемонад. Шумораи мутахассисони унвондор дар ин муассисаҳо танҳо 17,5 %-ро ташкил медиҳад, ки ниҳоят паст аст.

Ҳаҷми иҷрои корҳо дар соли 2023-юм 120212,8 ҳаз. сомониро ташкил намудааст, ки нисбат ба соли 2000-ум 92,7 маротиба зиёд шуда бошад ҳам, вале ҳиссаи корҳои бунёдӣ танҳо 18,2 %-ро ташкил менамояд.

Шумораи қабули ҷавонон ба аспирантура, докторантура дар солҳои охир ниҳоят зиёд коҳиш ёфта, аз паст шудани ҳавасмандии ҷавонон ба илм дарак медиҳад. Вазъи молиявии довталабон ба аспирантура имконият намедиҳад, ки онҳо таҳсилро ҷудо аз истеҳсолот амалӣ намоянд. Бештар аз 82,1%-и довталабон таҳсилро ғоибона амалӣ менамоянд.

Аз шумораи қабулшудагон танҳо 28,7%-ашон аспирантураро хатм намудаанд. Солҳои охир қабули довталабон ба соҳаҳои физикаю-метематика, кимиё, биология, геологияи минералӣ, техникӣ, кишоварзӣ, фалсафа, ҷуғрофия, байторӣ, омӯзгорӣ, санъатшиносӣ, равоншиносӣ, иҷтимоиёт, меъморӣ, сиёсӣ ва илм дар бораи замин қариб ба нестӣ расидааст, ҳол он ки дар рушди илми ин соҳаҳо мутахассисони варзида намерасанд.

Ҳиссаи ҷавонони то 27 - сола, ки дар аспирантура таҳсил менамоянд мунтазам коҳиш ёфта, соли 2023 нисбат ба соли 2019-ум 30,8 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст. Ин рақам аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳавасмандии ҷавонон барои идомаи таҳсил дар аспирантура коҳиш ёфтааст.

**Дар зербоби 2.2. "Хусусиятҳои сиёсати инноватсионии ш.Душанбе ва методологияи баҳодиҳии он"** муаллиф афзалиятҳои сиёсати инноватсионии шаҳри Душанберо муайян намуда, масъалаҳои ҳалталабро пешниҳод намудааст, ки иборат аз маблағгузории нокифоя барои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, дастрасии маҳдуд ба сармояи венчурӣ ва сармоягузорӣ барои стартапҳои инноватсионӣ, набудани кадрҳои дорои сатҳи баланди омодагии рақамӣ ва инноватсионӣ, мутобиққунии сусти муассисаҳои илмӣ, корхонаҳо ва идораҳои давлатӣ ва дараҷаи пасти нановарӣ дар соҳаҳои

анъанавии хоҷагии шаҳр (хоҷагии манзилию коммуналӣ, нақлиёт, нигаҳдории тандурустӣ) мебошанд.

**Дар зербоби 2.3, “Вазъи тадбиқи сиёсати инноватсионӣ дар шаҳри Душанбе”** унвонҷу қайд намудааст, ки тадбиқи сиёсати инноватсионии рушди соҳаҳои иқтисодиёти ш. Душанбе аз он шаҳодат медиҳанд, ки он ба иҷрои «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030» ва «Стратегияи миллии рушди соҳаи зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030» мувофиқ мебошад. Дар давраи солҳои 2019-2023 МММ 74,4 фоиз афзуда, ба ҳар сари аҳолӣ 21449,4 сомонӣ рост меояд, ки нисбат ба соли 2019 21,1% зиёд аст.

Дар ин давра зариби афзоиши табиии аҳолӣ ба 17,8 нафар расидааст, ки нисбат ба соли 2019-ум 14 нафар зиёд аст. Нишондиҳандаи асосии тавсифкунандаи сатҳи зиндагии аҳолӣ давомнокии миёнаи умр аст. Дар шаҳри Душанбе давомнокии миёнаи умр дар соли 2023-юм 78,2 сол, аз ҷумла: мардон -77,3 ва занон – 79,2 сол ташкил дод. Рушди иқтисодиёти шаҳр ба он оварда расонид, ки муҳоҷират ба шаҳр афзудааст. Даромади пулӣ ба ҳар сари аҳолӣ 3,1 ва хароҷот 3,3 маротиба афзоиш ёфтааст. Дар ш. Душанбе шумораи одамоне, ки дар иқтисодиёт машғуланд, нисбат ба солҳои 2019 –ум 22,5 ҳаз. нафар, ё 10,9% фоиз афзуд.

Афзоиши ҷойҳои корӣ таъмин шуда бошад ҳам, вале 4789 шахсони ҳуқуқӣ, 81228 соҳибкорони инфиродӣ ва 252 адад филиалҳо ва намояндагони шахсони ҳуқуқии хориҷӣ барҳам дода шудаанд, ки падидаи номатлуб буда, дидани чораҳои амалиро тақозо менамояд.

Дар ин давра шумораи муассисаю ташкилотҳои илмӣ бе тағйир монда бошанд ҳам, вале шумораи умумии кормандони илмӣ-техникӣ 1,8 фоиз коҳиш ёфта, шумораи докторҳои илм ва номзадҳои илм ба 10000 нафар машғуландн дар иқтисодиёт нисбат ба соли мутаносибан 2,9 ва 2,0 банди фоизи коҳиш ёфтааст. Хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаи илм ва техника нисбат ба соли 2019 ба андозаи 1,8 банди фоизӣ зиёд аст.

Таҳлил тамоюли пастравии ҳиссаи ш.Душанбе дар маҷмуи маҳсулоти саноатии кишварро муайян намуд. 70,1 фоизи маҳсулоти саноатии минтақа ба саноати коркард рост меояд. Шумораи корхонаҳои саноатӣ рӯ ба афзоиш дошта бошад ҳам, вале дар давоми соли 2023-юм 323 адад, ё 41,5%-и ин корхонаҳо фаъолият накардаанд, ки нишондиҳандаи нигаронкунанда арзёбӣ мешавад. Дар ин давра ҳосилнокии меҳнат 29,3% афзудааст.

Фазои сармоягузорӣ беҳтар гардида, аз ин ҳисоб 3466,1 млн сомонӣ фондҳои асосӣ ба кор андохта шуданд, ки 50,5%-и нишондиҳандаҳои ҷумҳуриро ташкил медиҳад.

Сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ дар ш.Душанбе нобаробар буда, ҳиссаи ноҳияи И.Сомонӣ ба 44,5%, н.А.Сино ба 23,4%, н.Шоҳмансур- 18,8% ва ноҳияи А.Фирдавсӣ ба 13,3% баробар аст, ки ба ҳиссаи онҳо дар ташаккули МММ ба назар гирифта намешавад. Тақсимоти сармояи хориҷӣ низ асосан ба ноҳияҳои Шоҳмансур ва Фирдавсӣ рост меояд.

Ҳолати молиявии корхонаҳо беҳтар шуда бошад ҳам, вале сатҳи баланди қарзҳои дебиторӣ ва кредиторӣ аз вазъи начандон хуби корхонаҳои саноатии минтақа гувоҳӣ медиҳад.

**Дар боби 3. “Самтҳои асосии такмили таҳия ва тадбиқи сиёсати инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”** тавассути дастгирии давлатӣ-самти муҳими таҳкими сиёсати инноватсионӣ, маблағгузории самаранок ҳамчун роҳи асосии тадбиқи амалии лоиҳаҳои инноватсионӣ ва таҳияи амсилаи рушди устувори инноватсионӣ ҳамчун амалигардонии сиёсати инноватсионии шаҳри Душанбе пешниҳод гардидааст.

**Дар зербоби 3.1. «Дастгирии давлатӣ- самти муҳими таҳкими сиёсати инноватсионӣ”,** муаллиф дар натиҷаи гузаронидани назарсанҷӣ ба хулоса омадааст, ки зарурати таҳия ва тасдиқи ҳисоботи омории дастовардҳои инноватсионӣ дар сатҳи корхона, муассиса, хоҷагӣ ва дигар сохторҳо ба роҳ монда шаванд, зеро бе доштани маълумот назорати иҷрои вазифаҳои стратегӣ имкон надорад. Муаллиф қайд намудааст, ки тақрибан ҳамаи қишрҳои ҷамъият ба он назаранд, ки рушди сиёсати инноватсионӣ ба дастгирии давлатӣ ниёз доранд. Самти асосии сиёсати давлатӣ бояд ба фармоиши давлатӣ ба маҳсулоти инноватсионӣ нигаронида шавад, зеро дар ин ҳолат ташкилотҳои илмӣ эътимод ҳис мекунанд, ки маҳсулоти онҳо ба давлат зарур аст. Онҳо метавонанд бюджети худро таҳия намоянд ва ба иҷрои стратегии рушди инноватсионӣ машғул шаванд.

Имтиёзҳои давлатӣ, суғуртаи фаъолият дар ҷуброн намудани зарари хатарҳои эҳтимолии марбут ба фаъолияти инноватсионӣ, метавонад иҷрои индикаторҳои сиёсати инноватсионии давлатро таъмин намояд.

Нақши давлат дар амалӣ намудани хариди давлатии маҳсулотҳои инноватсионӣ зоҳир мегардад. Таҷриба собит менамояд, ки ягон стратегия, барнома ва нақша бе таъмини молиявӣ амалӣ намегардад. Дар диссертатсия омадааст, ки фишангҳои идоракунии давлатӣ танҳо дар сатҳи миллӣ дида мешаванд. Дар сатҳи маҳал бошад, зарурати таҳияи консепсияи минтақавии рушди системаи инноватсионии, ки манфиатҳои илм, соҳибкорӣ ва давлатро муттаҳид мекунад, таҳия ва қабул карда шавад.

**Дар зербоби 3.2. «Маблағгузории самаранок ҳамчун роҳи асосии тадбиқи амалии лоиҳаҳои инноватсионӣ”** муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки тадбиқи Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бе маблағгузориҳои лоиҳаҳои инноватсионӣ амалӣ карда намешавад, зеро индикаторҳои СМР-2030 то соли 2020 доир ба 0,8 фоиз баробар намудани хароҷот ба илм нисбат ба ММД амалӣ нагаштаанд. Расонидани ин нишондиҳанда дар соли 2025 ба 1,2% зери суол қарор дорад. Аз ин ҷо «зарурати таҳкими инфрасохтори инноватсионӣ тавассути тиҷоратикунонии он, ташаккул ва дастгирии навоварон, минтақаҳои инноватсионии технологӣ, паркҳои технологӣ ва дигар соҳаҳои инноватсионӣ» масъалаи ҳалталаб боқӣ монад.

Саттҳи иҷрои индикатори СМР-2030 доир ба хароҷоти умумӣ ба соҳаи илм дар соли 2015 дар ш.Душанбе ба 0,44 фоизи маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ баробар, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои индикатор зиёд буда, дар соли 2020 ба 0,35 фоизи маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ баробар буд, ки нисбат ба нишондиҳандаи индикатори СМР-2030 - 0,45 фоиз кам аст. Дар ҳолати чунин афзоиши МММ дар солҳои 2025-2030 он мутаносибан 0,55 ва 0,88 фоиз баробар мегардад, ки нисбати нишондиҳандаҳои индикатори СМР-2030 мутаносибан 0,65 ва 0,62 банди фоизӣ кам мебошад.

Барои ба ин нишондиҳандаҳо расидан дар диссертатсия, модели таъсиси фонди инноватсионии минтақаро таҳия ва пешниҳод намуда, сохтори идоравӣ, сарчашмаҳои маблағгузорӣ, мақсад, вазифа ва масъалаҳои вобаста ба он дар намуди расм ва ҷадвалҳо нишон дода шудааст.

**Дар зербоби 3.3. "Таҳияи амсилаи рушди устувори инноватсионӣ ҳамчун амалигардонии сиёсати инноватсионии шаҳри Душанбе",** ташкили агрокластерҳоро, чун механизми асосии иҷрои сиёсати инноватсионӣ дар минтақа исбот намудааст. Муаллиф қайд намудааст, ки ташкили хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ ва корхонаҳои хурди саноатӣ наметавонад маҳсулоти рақобатпазир истеҳсол намуда дар бозор мавқеи худро мустаҳкам намоянд ва ба ин восита сиёсати инноватсиониро амалӣ намоянд. Ӯ қайд намудааст, ки сенарияи индустриалию инноватсионӣ бунёди асосҳои рушди инноватсионии иқтисодиёти кишвар метавонад амалӣ нагардад, зеро дар солҳои 2016 -2023 вазифаҳои асосии он амалӣ нагаштаанд. Ӯ исбот намудааст, ки таъмини иҷрои сиёсати инноватсионӣ дар истеҳсолотро тавассути ташкили агрокластерҳо амалӣ нгамудан мумкин аст, зеро дар алоҳидагӣ на корхонаҳои саноатӣ ва на хоҷагиҳои кишоварзӣ маҳсулоти дар бозор рақобатпазир истеҳсол карда метавонанд. Аз ин ҷо 15,1% хоҷагиҳои кишоварзии ба омор ҳисоботдода солро бо зарар ҷамъбаст намудаанд.

Ташкили агрокластерҳо аз як тараф худ сохтори нави истеҳсолӣ, ки имконияти таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва истифодаи онро дар ҷараёни истеҳсолот истифода намояд, аз тарафи дигар имконияти содиротии кишварро такмил медиҳанд.

Ташкили агрокластерҳо дар ш.Душанбе бо ҷалби хоҷагиҳои кишоварзии ноҳияҳои Рӯдакӣ, Шаҳринав, Варзоб, Файзобод ва шаҳрҳои Ҳисор, Ваҳдат, Турсунзода метавонад иҷрои сиёсати инноватсионии минтақаро таъмин намояд. Дар мисоли ташкили «Агрокластери «Пахта» ва «Агрокластери «Пилла» самаранокии онро нишон нишон дода шуд, ки метавон коркарди саноатии онҳоро пурра дар дохилӣ кишвар амалӣ намуд. Аз ҳисоби ташкили ин кластери пахта метавон ба маблағи 463,9 млн сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шуда, ба буҷет 33,17 млн сомонӣ маблағ ворид мегардад. Танҳо хамин кластер метавонад ба иқтисодиёти кишвар 233,94 млн сомонӣ арзиши иловашуда истеҳсол намояд.

Аз ҳисоби ташкили ин кластери "Пилла" 13100 нафар бо ҷои кор таъмин гардида, 487,6 млн маҳсулот истеҳсол карда мешавад. Дараҷаи даромаднокӣ

ба 21,2 % баробар шуда, ба давлат дар маҷмуъ 84,91 млн сомонӣ даромад хоҳад гирифт.

Дар охири ҳар як боби диссертатсия хулосаҳо пешниҳод карда шудааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин тавсияҳое, ки дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд, пешниҳод гардидаанд.

**Дараҷаи саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот** бо истифодаи усулҳои махсус дар рафти иҷрои диссертатсия, боэътимодии маълумот, ҳаҷми кифояи маводи таҳқиқшуда, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ тасдиқ мешавад.

Дар амалия хулоса ва тавсияҳо барои татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва дар асоси таҳлили илмӣ ҷанбаҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ бароварда шудааст, ки аз эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дарак медиҳад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳо дар диссертатсия зикршуда.**

Дар умум, диссертатсия аз рӯйи сохтор, мазмун ва муаррифии мантиқӣ ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот пурра мувофиқат мекунад. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба масъалаи таҳкими сиёсати инноватсионии минтақа равона гардида, нақши он дар ин раванд равшан месозанд. Ҳамаи хулосаҳо ва андешаҳои овардашуда бар пояи маълумоти оморӣ ва ҳисоботи расмии сохторҳои давлатӣ асос ёфтааст. Таҳлилҳо бо рақамҳои воқеӣ тақвият дода шуда, робитаи мустақим бо мавзуи мавриди баррасӣ қарор доранд. Пешниҳодҳои таҳияшуда метавонанд дар амал барои нигоҳдорӣ ва таҳкими сиёсати инноватсионии минтақа нақши муассир бозанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Аҳамияти илмии таҳқиқот. Аҳамияти илмии натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси донишҳои назариявӣ, методология ва амалияи такмили сиёсати инноватсионии минтақа таҷассум меёбад. Пешниҳод ва тавсияҳои коркардшуда дар диссертатсия метавонанд ҳамчун воситаи устуворгардонии сиёсати инноватсионии минтақа истифода шаванд. Пешниҳодҳои мушаххаси муаллифро пурра ҳангоми таҳияи сиёсати инноватсионии дигар минтақаҳои кишвар истифода бурдан мумкин аст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки онҳо метавонанд барои ошкор намудан ва рафъи мушкилоти рушди инноватсия истифода шаванд. Инчунин, аз таҳлили диссертатсияи муаллиф бармеояд, ки баъзе аз муқаррароти амалӣ ва тавсияҳои таҳияшуда метавонанд аз ҷониби мақомоти марбута ҷиҳати амалӣ гардонидани сиёсати инноватсионӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Дар баробари ҳамаи ин, натиҷаҳои ниҳоии бадастомада метавонанд дар раванди бозомӯзии ҳайати роҳбарикунандаи ҳокимиятҳои маҳаллӣ ва

кормандони Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар ҷараёни таълим, хусусан ҳангоми тадриси фанҳои марбута, аз ҷумла **"Назарияи иқтисодӣ", "Иқтисоди минтақавӣ", "Иқтисоди инноватсионистӣ" ва "Идоракунии инноватсия"** ва ғайраҳо мавриди истифода қарор дода шаванд.

**Аҳамияти иқтисодии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои диссертатсия метавонанд ба такмили сиёсати инноватсионии минтақа таъсири мусбӣ расонида, инчунин, самаранокии қабули қарорҳои идоракунӣ инноватсияҳоро таъмин намоянд. Ин таҳқиқот барои таҳияи воситаҳо ва тавсияҳои амалӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамисозии иқтисодиёт имконият фароҳам меорад.

**Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки такмили таҳия ва иҷрои сиёсати инноватсионии минтақа имкон медиҳад самаранокии фаъолияти корхонаҳои саноатиро дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ ва рақобат дар бозор баланд мебардорад. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли масъалаҳои шуғли самаранок дар соҳаи саноат ва дастгирии рушди иқтисодии маҳаллӣ ва минтақавӣ, инчунин паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва устувор нигоҳ доштани суботи молиявӣ имкониятҳои воқеӣ фароҳам меоранд. Дар маҷмуъ, таҳқиқот воситаи амалии ҳамоҳангсозии назария, методология ва амалияи сиёсати инноватсионӣ мебошад, ки ба рушди устувори соҳаи саноати минтақа мусоидат мекунад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Муаллиф доир ба мавзуи таҳқиқот 24 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 6 мақола дар нашрияҳои илмие, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федаратсия Россия тавсия шудаанд, чоп шудаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

**Абдуҳамитзода Асрор Абдуҳамит** мутахассиси варзида дар соҳаи иқтисодиёт буда, имконияти мустақилона ҳал кардани масъалаҳои муҳим ва илмӣ дар ин самтро дорад. Кори диссертатсионӣ ба самти тахассусии ӯ мувофиқ мебошад. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, сохтор ва мазмуни кори анҷомёфта ба талаботҳои муқарраршудаи шиносномаи тахассусии **08.00.06.02 идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ** пурра мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ ба талаботҳои чунин корҳо ҷавобгӯ мебошанд. Ҳангоми тавсифи довталаб ба ҳайси тадқиқотчӣ бояд таъкид карда шавад, ки ӯ донишомӯзӣ, фидокорӣ, самаранокии баланд, масъулиятшиносӣ, қобилияти дар сатҳи баланд ташкил кардани кори илмӣ, қабули қарорҳои мустақил ва муайян кардани роҳҳои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳое, ки ба миён гузошта шудаанд, дорад.

**Эродҳо ва баъзе тавсияҳо ба диссертатсия:**

1. Дар боби аввали диссертатсия, муаллиф, ба андешаҳои дигар тадқиқотчиён бештар аҳамият додааст, вале барои асоснокқунии мавқеи илмии худ ҷойи кам ҷудо намудааст.

2. Ба фикри мо, муаллиф, ҳангоми асоснокунии тавзеҳи моҳияти иқтисодии мафҳумҳои самаранокии лоиҳаҳои инноватсионӣ дар мазмуни нав бештар аҳамият медод ва ин қисматро каме васеътар мекард.

3. Дар диссертатсия ному насаби олимони ватанӣ оварда шудаанд, аммо нуқтаи назари илмии онҳо ба чашм намерасад.

4. Яке аз мушкилотҳо дар соҳаи мубодилаи маълумот (информатсия) байни иштирокчиёни раванди инноватсионӣ мебошад, ки барои он зарурияти ташкили фондҳои информатсиониро ба миён меорад, ки дар ин фонд маълумотҳо оиди қонунгузории информатсионӣ (дар сатҳи ҷумҳурӣ, минтақа), дар бораи барномаҳо ва лоиҳаҳои инноватсионӣ, институтҳои инноватсионӣ, фондҳо, корхонаҳо ва ғ. гирд оварда мешаванд. Хуб мешуд, агар унвонҷу ба ин мушкилот аҳамият медод.

5. Хуб мешуд, ки муаллиф ба он омилҳое, ки боиси паст гардидани суръати дигаргуниҳои инноватсионӣ мегарданд бештар аҳамият медод ва самтҳои афзалиятноки сиёсати инноватсионии минтақаро амиқтар нишон медод.

6. Сифати илмиии диссертатсия боз ҳам баланд мегардид, агар муаллиф ба моҳият ва хусусиятҳои коркард ва мушкилоти татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки инноватсионӣ дар ш.Душанбе ҷиддитар таваҷуҳ зоҳир менамуд.

7. Дар диссертатсия таҷрибаи хориҷии ташаккули сиёсати инноватсионии минтақавӣ, аз ҷумла таҷрибаи таъсис ва рушди технопаркҳо ва марказҳои инноватсионӣ, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ба андешаи мо, имкониятҳои истифодаи унсурҳои алоҳидаи ин таҷриба дар шароити шаҳри Душанбе метавонист каме мушаххастар нишон дода шавад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия мувофиқи талаботи Комиссия.**

Диссертатсияи **Абдуҳамитзода Асрор Абдуҳамит** ҳамчун кори илмии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асоснокқунӣ дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ навишта шуда, ба талаботҳои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, омода намудани диссертатсия ва ташхиси диссертатсия дар Шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботҳои муқаррарнамудаи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ҷавобгӯ мебошад.

Кори диссертатсионӣ бо забони фаҳмо ва бо истилоҳоти қабулшуда навишта шудааст, ороиши диссертатсия тағйиротро талаб намекунад. Автореферат ва мақолаҳои илмии ба нашр расонидаи довталаб таркиби асосии диссертатсияро дар бар гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун

дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст. Ҷанбаҳои муҳими мундаричаи кор дар автореферат инъикос ёфтаанд, ки предмети асосии дифоъ мебошанд. Бинобар ин, талабот дар ин бобат дар маҷмуъ қонеъ карда мешавад.

## Хулоса

Таҳқиқоти диссертатсионии Абдуҳамитзода Асрор Абдуҳамит дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккули сиёсати инноватсионии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли шаҳри Душанбе)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ пешниҳод шудааст, кори илмии мукаммал ва ба анҷомрасида буда, дар он натиҷаҳои нави назариявӣ, методологӣ ва амалӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба даст оварда шудаанд.

Мубраммӣ, навгонӣ, асоснокии муқаррароти асосии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, инчунин аҳамияти он барои илми иқтисод ва амалияи ташаккули сиёсати инноватсионии минтақавии шаҳодат медиҳанд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ умуман ба талаботи бандҳои 32, 33, 34, 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад, ва муаллифи он Абдуҳамитзода Асрор Абдуҳамит барои додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси **08.00.06.02 идоракунии иноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ** сазовор мебошад.

Дар ҷаласаи васеи кафедраҳои иқтисодиёт ва идора, молия ва қарз, назарияи иқтисоди ва иқтисодиёти рушди факултети иқтисодиёт ва молия 22 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 22 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Тақриз дар ҷаласаи ғайринавбатии васеи кафедраи иқтисодиёт ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протокол №1 аз 18 августи соли 2026).

**Раиси ҷаласа:**
Мудири кафедраи иқтисодиёт ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, н.и.и., дотсент — Гадоев А.Ҷ.

**Эксперт:**
н.и.и., дотсенти кафедраи молия ва қарзӣ Донишгоҳи технологии Тоҷикистон — Собирҷонов А.С.

**Котиби ҷаласа:**
доктор PhD., дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон — Сафозода Ҳ.С.

Имзоҳои А.Ҷ. Гадоев, А.С.Собирҷонов ва Ҳ.С.Сафозода-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо, коргузори ва
назорати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Абдуназаров А.Ҷ.

**Суроға:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев,63/3 Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Телефон: (+992) (+99237)2347988-, **E-mail:**rektorat-favri-tut@mail.ru